# ХУЛОСАИ
## шурои диссертатсионии 6D.KOA-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм

**Парвандаи аттестатсионии №**
**қарори шурои диссертатсионӣ**
**аз 30 августи соли 2025, №75**

**Дар бораи сазовор донистани Шерализод Самиаллоҳи Маҳмадсаид, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.**

Диссертатсияи Шерализод Самиаллоҳи Маҳмадсаид дар мавзуи: «Принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ: назария, қонунгузорӣ ва татбиқи он дар амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 - Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ санаи 28-уми июни соли 2025, №71 аз ҷониби шурои диссертатсионии 6D.KOA-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, кучаи Буни Ҳисорак, толори шурои диссертатсионии факултети ҳуқуқшиносӣ, фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05 июли соли 2024, №225/шд) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Унвонҷӯ Шерализод Самиаллоҳи Маҳмадсаид 10 октяри соли 1996 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Мавсуф соли 2014 ба факултети ҳуқуқшиносии ДМТ ба ихтисоси ҳуқуқшиносии умумӣ дохил шуда, онро соли 2019 хатм намудааст.

Аз соли 2020 то соли 2024 ба ҳайси мутахассис, мутахассиси пешбар, сармутахассис ва директори КВД "Маркази рушди иқтисодии ҷавонон"-и Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон кор кардааст. Инчунин, ӯ аз соли 2024 то ин ҷониб ба сифати ассистени кафедари ҳуқуқи факултети ҳуқуқ ва гумруки Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон кору фаъолият намуда истодааст.

Диссертатсияи мазкур дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ аз 4 апрели соли 2025 №8 муҳокима ва ба ҳимоя тавсия шудааст.

**Роҳбари илмӣ –** Сафарзода Анвар Ислом, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад.

**Муқарризони расмӣ:**

– **Абдухамитов Валиҷон Абдуҳалимович** - доктори илмҳои ҳуқуқшносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятии Донишгоҳи (Славянин) Россия ва Тоҷикистон;

– **Оралбоев Ҳамза Ҳайдарович -** номзади илмҳои ҳуқуқшносӣ, муаллими калони кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар:** Муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии «Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (ш. Душанбе).

Дар хулосаи муассисаи пешбар, ки аз ҷониби ташхисгар, Сафарзода Ҳ.С. профессори кафедраи пешгирии терроризм ва таъмини бехатарии ҷамъиятии факултети №6 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент (12.00.08 - Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ) омода гардида, аз ҷониби раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ, Заробидинзода С.З. номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Сардори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ва котиби ҷаласа Абдурашидзода А.А. номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, полковники милитсия котиби Шурои олимони Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, имзо ва аз ҷониби сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон Саидзода А.П., дар санаи 08.08.2025 сол тасдиқ шудааст, иброз медорад, ки диссертатсия ба талаботи бандхои 31, 33, 34 ва 35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Бояд қайд намуд, ки рисолаи илмӣ аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои сатҳи баланди мантиқӣ мебошад. Сатҳи навгонӣ дар таҳияи ҳамаҷонибаи назариявӣ ва амалии институти принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ бо назардошти тамоюлҳои имрӯзаи дигаргунсозии қонунгузории миллӣ ва татбиқи стандартҳои ҳуқуқи байналмилалӣ зоҳир мегардад. Бори аввал дар доктринаи ҳуқуқи ҷиноятии ватанӣ кӯшиш ба харҷ дода шудааст, ки принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳамчун принсипҳои низомсозӣ, ки самт, мазмун ва самаранокии танзими ҳуқуқи ҷиноятиро муайян мекунанд, ҳамаҷониба таҳқиқ карда шавад.

Аз ҷониби рисоланавис шарҳу маънидоди муаллифона оид ба муаммоҳои назариявӣ ва амалии мавзуи таҳқиқот пешбарӣ гардида, дар асоси онҳо пешниходҳое коркард шудаанд, ки ба ҳалли вазифаҳои қайдгардида, ҳам дар сатҳи назариявӣ ва ҳам дар сатҳи амалӣ равона мешаванд.

Унвонҷӯ доир ба таҳқиқоти диссертатсионӣ 8 мақолаи илмӣ ба табъ расонидааст, ки аз ин шумора 4 адади он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 4 мақолаи дигар дар нашрияҳои дигар ба нашр расидаанд.

**I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда ва тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

**[1–М].** Шерализода С. Баъзе масъалаҳо оид ба татбиқи принсипи қонуният дар матни қонуни ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / С. Шерализода // Қонунгузорӣ. – 2023. – № 2(50). – С. 175-183. ISSN 2410-2903

**[2–М].** Шерализода С. Мафҳум ва хусусиятҳои принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ [Матн] / С. Шерализода // Идоракунии давлатӣ. – 2024. – № 1 (66). – С. 297-303. ISSN 2664-0651

**[3–М].** Шерализод С.М. Таърихи рушди илмӣ ва назариявии принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ [Матн] / С. Шерализода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2024. – №6. Қисми I. – С. 257-263. ISSN 2413-5151

**[4–М].** Шерализода С. Танзими ҳуқуқии принсипи ногузирии ҷавобгарӣ дар қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / С. Шерализода // Қонунгузорӣ. – 2024. – №4 (54). – С. 282-289. ISSN 2410-2903

**II. Мақолаҳое, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ ба табъ расидаанд:**

**[5–М].** Сафарзода А.И., Шерализода С. Принсипи адолат ва мавқеи он дар низоми принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ [Матн] / А.И. Сафарзода, С. Шерализода // Маърифати ҳуқуқӣ омили муҳимми таҳкими давлатдории миллӣ: маводҳои конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ (25-26 апрели соли 2024) – Душанбе, 2024. – С. 399-407.

**[6–М].** Сафарзода А.И., Шерализода С. Аҳаммияти илмӣ ва амалии таснифи принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ дар қонуни ҷинояти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / С. Шерализода // Маърифати ҳуқуқӣ омили муҳимми таҳкими давлатдории миллӣ: маводҳои конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ (25-26 апрели соли 2024) – Душанбе, 2024. – С. 408-415.

**[7–М].** Шерализода С.М. Таҳлили ҳуққӣ-ҷиноятии принсипи адолат [Матн] / С.М. Шерализода // Маводҳои конфронси илмию амалии байналмилалӣ бахшида ба 30 - солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва соли “Маърифати ҳуқуқӣ” дар мавзуи “Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ифодаи арзишҳои умумимиллӣ”. – Душанбе, «ДБССТ», 2024. – С. 358-360.

**[8–М].** Шерализода С. Масъалаҳои ҳуқуқтатбиқкунии принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / С. Шерализода // Маводҳои конфронси илмию амалии байналмилалӣ бахшида ба 30 - солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва соли “Маърифати ҳуқуқӣ” дар мавзуи “Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ифодаи арзишҳои умумимиллӣ”. – Душанбе: «ДБССТ», 2024. – С. 399-403.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

– **Тағозода А.С.** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, муовини раиси суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

– **Абдуллозода Ҷ.А.** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, раиси суди ноҳияи Варзоб.

– **Сангинзод Д.Ш.** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор муовини директори Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупо оид ба илм ва таълими АМИТ.

Ҳамаи тақризҳо мусбат арзёбӣ гардида, дар онҳо баъзе эродҳое оварда шудаанд, ки баҳсталабанд.

1. Мувофиқи ақидаи муаллиф принсипҳои қонуният, адолат, гуноҳ, инсондӯстӣ, фардисозии ҷазо, ногузирии ҷавобгарӣ, ногузир будани ҷавобгарӣ ва манъ будани додани ҷазо ду бор дар системҳои ҳуқуқии муосир, аз ҷумла қонунгузории ҷиноятии ҶТ пешбинӣ ва эътироф шудаанд. Ин принсипҳо на танҳо дар қонун муқаррар мешаванд, балки дар амалияи Суди Конститутсионӣ, Суди Олии ҶТ ва ҳамчунин дар доктринаи илмии ҳуқуқии кишвар мавқе ва рушди худро пайдо менамоянд (саҳ. 16). Оё принсипҳои КҶ ҶТ дар амалияи Суди Конститутсионии ҶТ татбиқ карда мешавад? Агар шаванд, муаллиф ҳангоми ҳимоя онро асоснок менамуд.

2. Муаллиф баён медорад, ки «бо мақсади мушаххасан муайян кардани асосҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ ба қ. 3 м. 4 илова намудани муқаррароти зерин зарур мебошад: «Асоси ҷавобгарии ҷиноятӣ содир намудани кирдорест, ки тамоми аломатҳои ҷиноятӣ пешбининамудаи Кодекси мазкурро дар бар мегирад» (саҳ. 11). Ҳамчунин муаллиф ба таври асоснок андешаеро ҷонибдорӣ менамояд, ки «Вақти содир намудани ҷиноят вақти воқеии ба охир расидани он, аз ҷумла лаҳзаи фаро расидани оқибатҳои барои ҷамъият хавфноки пешбининамудаи Кодекси мазкур эътироф карда мешавад» (саҳ.11).

3. Дар саҳифаи 20-21 автореферат муаллиф принсипҳоро ба асосӣ ба дуюмдараҷа ҷудо намудааст. Лекин таҳлили автореферат нишон медиҳад, ки ба ин гуруҳҳо кадом принсипҳо дохил мешаванд, муайян нест. Бинобар ин аз муллиф талаб карда мешавад, ки ин принсипҳоро муайян ва асоснок намояд.

4. Муаллиф дар саҳифаи 24 автореферат чунин менависад: Вақте ки сухан дар бораи ҷавобгарии ҷиноӣ меравад, баробарӣ дар назди қонун ба ҳама шахсон дахл дорад. Ҳеҷ кас истисно нест. Ҳар як шахс барои ҷинояти содиркардааш, новобаста аз ҳолатҳои номбаршуда, ҷавобгар аст. Ҷавобгарии ҷиноятии категорияҳои алоҳидаи шахсон (судяҳо, вакилони халқ, кормандони дипломатӣ ва ғайра) бо тартиби махсус амалӣ карда мешавад. Оё дар инҷо принсипи баробарии ҳама дар назди қонун мавқеи худро гум намекунад?

Бояд қайд намоем, ки эродҳои мазкур хусусияти ҷузъӣ дошта, сифат ва сатҳи рисолаи анҷомдодашударо коҳиш намедиҳанд, балки мавқеи муаллифро ҳангоми ҳалли масъалаҳои гуногун дар алоҳидагӣ нишон медиҳанд.

**Муқарризон ва муассисаи пешбар** бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Хукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, интихоб ва таъйин гардидаанд.

Бояд зикр намуд, ки муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар аз руйи ихтисоси 12.00.08 - Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ интихоб гардида, таҳқиқоти илмие, ки онҳо ба анҷом расонидаанд ба мавзуи таҳқиқотии муаллиф алоқамандии зич дорад.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

**- коркард карда шуд:** бори аввал дар илми ҳуқуқи ҷиноятии ватанӣ принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳамчун унсури мустақили низомсози соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, пайвастагии дохилии он, устуворӣ ва мувофиқати онҳо ба талаботи адолат, қонуният ва инсондӯстӣ муайян карда шудааст.

**- пешниҳод шудааст:** ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии татбиқи принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ва таъмини асоснокии ҳуқуқӣ дар қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон; доир ба мушаххасан муайян кардани асосҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ; мукаммал намудани ҳолатҳои баробарӣ дар назди қонун;

**- исбот шудааст:** асоснокии принсипҳои асосӣ ва махсуси ҳуқуқи ҷиноятӣ; муайяннамоии мафҳуми принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ дар доктрина; тасниф намудани принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ; таҳлили назариявӣ, ҳуқуқӣ ва меъёрии принсипи баробарии ҳама дар назди қонун, муайян намудани нақши он дар таъмини адолати таъқиби ҷиноятӣ ва механизмҳои ҳифзи ҳуқуқи шахс; инчунин асоснокии ҳуқуқи ҷиноятии дигар принсипҳо;

- **ҷорӣ намудан:** илова намудани муқаррароти нав ба қ. 3 м. 4 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади мушаххасан муайян кардани асосҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ; мукаммал намудани қ. 2 м. 12 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мақсади баланд бардоштани возеҳияти ҳуқуқӣ нисбат ба лаҳзаи содир намудани ҷиноят; такмили мазмуни принсипи баробарӣ дар назди қонун (м. 5 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон) бо дарназардошти муқаррароти м. 17 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки дар доираи он андешаҳои олимони ватанию хориҷӣ доир ба масъалаҳои назариявӣ, қонунгузорӣ ва татбиқи амалиявии принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ мавриди таҳлилу хулосабарорӣ қарор дода шудаанд. **Аҳаммияти амалии таҳқиқот.** Тавсияҳо ва пешниҳодҳои дар диссертатсия ифодаёфта метавонанд ҳангоми такмили меъёрҳои қонунгузории миллӣ, алалхусус қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳияи қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври васеъ истифода бурда шаванд. Инчунин, маводҳои диссертатсия ҳангоми тартибдиҳии барномаҳо, китобҳои дарсӣ, лексияҳо ва таҳияи курсҳои махсус дар муассисаҳои таълими ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун асос хизмат карда метавонанд.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта** натиҷаҳои диссертатсияи мазкурро дар раванди омузиши фанни «Ҳуқуқи ҷиноятӣ», аз ҷумла курси махсуси «Принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ” истифода бурдан ба мақсад мувофиқ хоҳанд буд. Ҳамчунин, мақомоти ҳуқуқтатбиқкунанда натиҷаҳои таҳқиқоти мазкурро ҳангоми бандубасти кирдорҳои ҷиноятӣ ба инобат гирифта метавонанд.

- **баён шудани** оне ки масъалаҳои танзими ҳуқуқи ҷиноятии принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, амалияи татбиқи принсипҳо дар шароити муосир, коркарди тавсияҳои илман асоснок ҷиҳати мукаммалнамоии қонунгузории ҷиноятӣ дар доир ба пинсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ дар замони имрӯза мубрам мебошанд.
- **ошкор гардидани** он ки паҳлуҳои зиёди масъалаи принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ниёз ба таҳқиқоти нав дошта, зарурати таҳқиқоти комплексиро тақозо менамояд. Аз ҷумла, принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ самтҳои калидӣ мебошанд, ки тамомияти дохилӣ, мухолифати мантиқӣ ва самти инсондӯстӣ (гуманистӣ)-и қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистонро таъмин мекунанд. Инчунин, мустаҳкамсозии меъёрӣ ва татбиқи амалии онҳо бевосита ба самаранокии сиёсати ҳуқуқи ҷиноятӣ таъсир расонида, асосҳои қонуният ва адолатро дар фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ ташаккул медиҳад ва инчунин ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои шахсро дар шароити таъқиби ҷиноятӣ кафолат медиҳад.

**- омухта шуданд:** қонунгузории миллӣ, санадҳои байналмилалӣ ва қонунгузориҳои ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ вобаста ба принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ.

**- аз нав такмил додани:** меъёрҳои қонуни ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти присипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ.

Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия, чунин тасдиқ карда мешаванд, ки натиҷаҳои таҳлил метавонанд ҳангоми такмили меъёрҳои қонунгузории миллӣ, алалхусус қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳияи қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври васеъ истифода бурда шаванд. Инчунин, маводҳои диссертатсия ҳангоми тартибдиҳии барномаҳо, китобҳои дарсӣ, лексияҳо ва таҳияи курсҳои махсус дар муассисаҳои таълими ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун асос хизмат карда метавонанд.

- **муайян карда шуданд**, ки муқаррароти авф ва бахшиши ҷазо ба принсипи ногузирии ҷавобгарӣ мухолифат намекунанд, зеро тибқи тартиби муқарраргардида санадҳои авф ва бахшиши ҷазо аз ҷониби мақомоти олии давлатӣ тавассути қабул кардани қонунҳое, ки ҷавобгарии ҷиноятиро пешбинӣ мекунанд, сурат мегирад ва илова бар ин, чунин раванд дар ҳолатҳои истисноӣ ва нисбатан кам ба амал бароварда мешавад;

- **офарида шуд**: дар асоси таҳлили адабиёти илмӣ ва бо мақсади мушаххасан муайян кардани асосҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ асоси ҷавобгарии ҷиноятӣ дар моддаи 4 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав таҳия ва пешниҳод гардидааст;

- **муаррифӣ карда шуд**: бо мақсади баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар соҳаи адолати судӣ номгӯи принсипҳои адолати судии ҷиноятиро бо принсипҳои дар қонуни ҷиноятӣ муқарраргардида ва дорои мазмуни мурофиавии ҷиноятӣ пурра кардан зарур аст. Маҳз дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқ нақши принсипҳои қонуни ҷиноятӣ дар шакли принсипҳои умумии ҳуқуқи ҷиноятӣ махсусан муҳим аст. Ҳамин тариқ, яке аз самтҳои муҳими такмили амалияи таъқиби ҷиноятӣ таҳқиқотҳое мебошанд, ки ба таҳлили амалияи нашршудаи мақомоти олии судӣ асос ёфтаанд.

Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ шпион доданд, ки як қатор хулосаву пешниҳодҳо ва натиҷаву тавсияҳои илман асосноки пешниҳодгардида, дар самти ислоҳ намудани мушкилоти татбиқи принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ дар асоси таҳлил ва омӯзиши қонгузории ҷиноятӣ, санадҳои алоҳида дар соҳаи ҳифзи иттилоот, таҷрибаи байналмилалӣ, қонунгузориҳои давлатҳои хориҷӣ, таҷрибаи тафтишотӣ ва судӣ ба даст оварда шуда, аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ асоснок мебошанд.

- **асоснок шудааст**, ки татбиқи принсипи қонуният дар қонунгузории ҷиноятӣ уҳдадории қонунгузорро оид ба фарқ кардани рафтори ҷиноятӣ ва ғайриҷиноятӣ пешбинӣ менамояд ва ба ин васила мутобиқи ҳуқуқӣ ва якхеларо дар татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ таъмин менамояд. Риоя кардани принсипи инсондӯстӣ на танҳо аниқ ва якхела муайян кардани таркиби ҷиноят, балки дар амалияи таъини ҷазо таъмин намудани давомнокӣ ва мувозинатро талаб мекунад;

- **истифода шудаанд:** маҷмуи усулҳои аз ҷониби муаллиф барои ҳалли вазифаҳои гузошташуда истифодагардида, аз ҷумла ҳам усулҳои умумии илмӣ ва ҳам усулҳои соҳавию илмӣ: диалектикӣ, расмӣ-мантиқӣ, низомӣ-сохторӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ ва таърихӣ-ҳуқуқӣ;

- **муайян шудаанд:** таҳияи масъалаҳои принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ дар шакли қонунгузорӣ аслан дар давраи шуравии рушди илми ҳуқуқи ҷиноятӣ оғоз гардида буд. Доктринаи ҳуқуқи ҷиноятӣ бо дарназардошти хусусиятҳои низоми сиёсии даврони шуравӣ, пеш аз ҳама, моделҳои принсипҳои аз ҷиҳати идеологӣ пуррашудаи ҳуқуқи ҷиноятиро, таҳия карда шудааст. Принсипҳои демократӣ дар ҳуқуқи ҷиноятии шуравӣ, ки муддати дароз дар қонунгузорӣ инъикос наёфта буданд, танҳо дар доираи доктрина омӯхта мешуданд ва аксар вақт табиати ғоявӣ пайдо мекарданд. Коркардҳои илмӣ, пажӯҳишҳо дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ, комёбиҳои раднашавандаи дарки илмии масъалаи принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, ки дар давраи шуравӣ ба даст оварда шуда буданд, баъдтар на танҳо барои корҳои илмии оянда, балки ҳамчун асос дар матни Кодекси ҷиноятии соли 1998 инъикос ёфтанд;

- **истифода шуданд:** Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи сиёсати ҳуқуқӣ, қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин парвандаҳои ҷиноятие, ки дар судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ шудаанд.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот. Саҳми шахсии муаллиф дар нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, навгонии илмии диссертатсия, мақолаҳои илмии муаллиф, маърузаҳо дар семинарҳои назариявӣ ва конфренсияҳои илмӣ-амалӣ таҷассум ёфтааст.

Дар маҷлиси шурои диссертатсионӣ аз 30 августи июни соли 2025 қарор қабул карда шуд, ки ба Шерализод Самиаллоҳи Маҳмадсаид дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05 июли соли 2024, №225/шд тасдиқ гардидааст 14 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо -- нафарашон доктор ва 1 нафар номзад аз руйи ихтисоси диссертатсияи

баррасишаванда мебошанд. Аз 15 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта, овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ 15 нафар, муқобил - нест, бетараф - нест, бюллетенҳои беэътибор - нест.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Назаров А.Қ.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ** **Мирзозода Қ.Х.**

**30 августи соли 2025**